ТАҚРИЗ
ба автореферати диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика (5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ) пешниҳод шудааст

Мувофиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Дар ҷомеа сатҳи саводнокӣ ва қобилияти самаранок истифода бурдани воситаҳои забон на танҳо нишондиҳандаи маърифати шахс, балки яке аз омилҳои муҳимми ташаккули салоҳияти коммуникативӣ, тафаккури мустақил ва иштироки фаъоли иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Аз ин нуқтаи назар таълими забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ набояд танҳо ба омӯзонидани меъёрҳои имлоӣ, грамматикӣ ва қоидаҳои назариявӣ маҳдуд карда шавад. Самаранокии раванди таълим дар он зоҳир мегардад, ки хонанда донишҳои азхуднамудаи худро дар муошират, баёни шифоҳӣ ва хаттии андеша, таҳлил ва шарҳи матн, иштирок дар муҳокимаю мубоҳиса, ифодаи мавқеи шахсӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ мақсаднок ва дуруст истифода бурда тавонад. Аз ин рӯ, рушди фарҳанги нутқи хонандагон яке аз самтҳои афзалиятноки такмили мазмун ва методикаи таълими забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Бо дарназардошти талаботи мазкур таҳқиқоти Солеҳзода Шоира Солеҳ ба масъалаи муҳимми педагогӣ ва методӣ бахшида шуда, бо талаботи муосири низоми маориф, зарурати баланд бардоштани сифати таълим ва ташаккули шахсияти дорои малакаҳои устувори коммуникативӣ робитаи мустақим дорад. Мавзуъ ва муњтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии интихобгардида комилан мувофиқ аст.

Аҳамммияти таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои он метавонанд барои такмили раванди таълими фанни забони тоҷикӣ, баланд бардоштани самаранокии таълим ва рушди қобилияти мустақилонаи баёни андешаи хонандагон заминаи мусоид фароҳам оваранд. Таҳқиқоти мазкур кӯшиши арзишманд дар самти баррасии масъалаи ташаккули малакаҳои иртиботии хонандагон ба ҳисоб рафта, метавонад ба рушди минбаъдаи ҷанбаҳои назариявию методии таълими фанни забони тоҷикӣ мусоидат намояд.

Зарбулмасалу мақол, панду ҳикмат, афоризм ва ибораҳои рехта на танҳо захираи луғавиро ғанӣ мегардонанд, балки таҷрибаи таърихӣ, андешаи ахлоқӣ, образнокии тафаккур ва меъёри муносибати иҷтимоиро интиқол медиҳанд. Агар ин воҳидҳо аз доираи шарҳи луғавӣ берун оварда шуда, дар вазъияти муошират, эҷоди матн ва мубоҳиса истифода шаванд, онҳо ба воситаи муассири ташаккули салоҳияти иртиботӣ табдил меёбанд.

Мубрамии таҳқиқоти мазкур ҳамчунин бо он муайян мегардад, ки дар барномаҳои амалкунандаи таълими забони тоҷикӣ барои рушди мақсаднок ва мунтазами нутқи хонандагон соатҳои махсус ҷудо карда нашудаанд. Аз ҷониби дигар, мазмун ва хусусияти супоришҳои дар китобҳои дарсӣ пешниҳодгашта на ҳамеша имкон фароҳам меоранд, ки хонанда на танҳо воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологиро шиносад ва маъноро онҳоро дарк кунад, балки мустақилона, мақсаднок ва эҷодкорона дар нутқ корбаст намояд. Муаллиф ин норасоии мавҷударо саривақт ва асоснок муайян намуда, зарурати ташаккул ва татбиқи низоми пайдарпай, марҳилавӣ ва аз ҷиҳати методӣ асосноки омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологиро дар синфҳои V–XI пешниҳод месозад. Чунин тарҳи масъала ба талаботи муносибати босалоҳият ба таълим мутобиқ буда, ба эҳтиёҷоти амалии омӯзгор ва талаботи муосири ташаккули салоҳиятҳои забонӣ ва коммуникативии хонандагон ҷавобгӯ мебошад. Меҳвари таҳқиқоти мазкур татбиқи дониш, ташаккули малакаи гуфтору навиштор мебошад. Маҳз аз ин мавқеъ сохтори панҷ боби кор, натиҷаҳои озмоиш ва имкони татбиқи онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баррасӣ мегарданд

Ҳадафи таҳқиқот муайян намудани омилҳои муассир ба раванди муошират хонандагон ва таҳияи амсилаи таълимии ташаккули фарҳанги нутқ дар асоси арзишҳои ахлоқию маънавии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ мебошад, ки барои татбиқи он таҳлили заминаҳои назариявӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрии таълимӣ, китобҳои дарсӣ, интихоби мавод, таҳияи низоми машқу супоришҳо ва ташкили санҷиши таҷрибавӣ пешбинӣ шудааст. Дар маҷмуъ, байни мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объект, мавзуъ ва фарзияи илмӣ робитаи мутаносиби мантиқӣ ва методӣ таъмин гардида, пайдарҳамии онҳо ба ҳалли масъалаҳои меҳварии таҳқиқот мусоидат менамояд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар коркарди роҳу усули омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ, тасниф ва муайян намудани навъҳои маъмули хатоҳо, муқаррар кардани меъёрҳои интихоби маводди таълим ва таҳияи низоми машқҳо доир ба корбасти эҷодии онҳо ифода меёбад. Арзиши назарраси таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки воҳидҳои луғавӣ на ҳамчун маводди ёрирасони таълим, балки чун воситаи меҳварии рушди нутқ ва ташаккули ҷаҳонбинии хонанда баррасӣ гардида, муносибатҳои лексикӣ-семантикӣ, матнҳои таълимӣ дар низоми ягонаи методӣ муттаҳид карда шудаанд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар тавзеҳи робитаи мафҳумҳои фарҳанги нутқ, забони адабӣ, ҳусни баён, фасоҳат, балоғат, салосат ва салоҳияти коммуникативӣ зоҳир мегардад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар татбиқи натиҷаҳои бадастомада ҳангоми таҳия ва такмили барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик, инчунин ташкили фаъолияти беруназсинфии хонандагон ифода меёбад. Низоми мантиқии таҳқиқот ва пайдарҳамии марҳилаҳои он қобили таваҷҷуҳ мебошад ва масъалаи сатҳи фарҳанги нутқи хонандагон бо таҳлили омилҳои таъсиргузор, интихоби воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ, таҳияи амсилаи таълимӣ ва санҷиши таҷрибавии натиҷаҳо ба ҳам пайванди бевосита доранд. Чунин сохтори методӣ барои ба таври мушаххас татбиқ гардидани натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти омӯзгорӣ мусоидат менамояд.

Дар **боби аввал «Асосҳои илмӣ-методии омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ, фразеологӣ ва фарҳанги нутқ» замина**ҳои илмӣ ва таърихии омӯзиши масъала муайян карда шудаанд. Муаллиф раванди ташаккул ва таҳаввули воҳидҳои паремиологияву фразеологиро мавриди таҳлил қарор дода, нуқтаи назари муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷиро оид ба масъалаи инкишофи нутқ баррасӣ менамояд. Натиҷаи омӯзиш собит менамояд, ки воҳидҳои паремиологию фразеологӣ бояд на танҳо аз ҷиҳати мазмуну сохтор, балки аз назари нақши иртиботӣ ва тарбиявӣ низ мавриди омӯзиш қарор гиранд. Бартарии таҳлил дар он аст, ки фарҳанги нутқ танҳо ифодаи беғалати фикр набуда, балки хонанда бояд калима ва таъбири муносибро интихоб намояд, фикрро пайдарпай ифода созад ва хусусияти вазъияти муоширатро ба ҳисоб

гирад. Муроҷиат ба осори забоншиносони тоҷик, мафҳумҳои фасоҳат, балоғат ва зебоии баён таҳқиқи масъаларо тақвият бахшидааст.

Дар **боби дуюми** рисола - **«Заминаҳои методологии ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон зимни таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ»** асосҳои методологии татбиқи салоҳиятҳо дар раванди таълими забони тоҷикӣ ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Дар ин боб ҷанбаҳои равоншиносӣ ва педагогии фаъолияти маърифатии хонандагон таҳлил гардида, хусусиятҳои табдил додани донишҳои назариявӣ ба маҳорату малакаҳои амалии муошират мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Муҳаққиқ бо такя ба усулҳои таҳлили маъноӣ, муқоисавӣ ва муайян намудани муносибатҳои муродифию мутазодӣ роҳу воситаҳои самараноки ташаккули тафаккури таҳлилӣ ва мантиқии хонандагонро дар заминаи омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ муайян намуда, имкониятҳои дидактикии онҳоро дар рушди фарҳанги нутқ асоснок кардааст.

Дар боби сеюм **«Методикаи таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар асоси Стандарт, барнома ва китобҳои дарсӣ»** маводди марбут ба воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар стандарт, барномаи таълимӣ ва китобҳои дарсии забону адабиёти тоҷик (барои хонандагони синфҳои V–XI) ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки дар матнҳои таълимӣ воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ кам нестанд, лекин онҳо аксаран танҳо ҳамчун таркиби матн боқӣ монда, мавриди кори мақсадноки нутқ қарор гирифтаанд. Таҳлили типологии супоришҳо нишон медиҳад, ки дар китобҳои дарсӣ тафсири маъно бар вазифаҳои муқоисавӣ, таҳрирӣ ва корбурди мустақилонаи нутқ ғалаба мекунад. Ин зарурати тағдиди маводди таълимиро дар асоси меъёрҳои дастрасӣ, басомад, аҳаммияти коммуникативӣ ва арзиши тарбиявӣ собит месозад. Ҷанбаи муҳимми пажуҳиш пешниҳоди ҳамгироии таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик мебошад, ки дар он алоқамандии таҳлили ғоявиву бадеӣ ва сохториву услубии воҳидҳои забонро фароҳам меоварад. Дар боби мазкур кӯшиш шудааст, ки на танҳо вазъияти ҷории соҳа тавсиф, балки самти асосии таҳия, такмил ва бознигарии мазмуни таълимро низ муайян гардад.

Дар боби чаҳоруми пажуҳиш - **«Роҳҳои ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон зимни омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ ва паремиологии тоҷикӣ»** равишҳои таҳлили осори адабӣ, кор бо фарҳангномаҳо,

тафсири воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар ташаккули фарҳанги нутқ тарҳрезӣ мешавад. Низоми иҷрои супоришҳо доир ба шинохт, тафриқагузорӣ, таҳлили семантикиву услубӣ, дарёфти муродифот, мутазод, ҳамгунаҳо ва татбиқи онҳо дар матни мустақил таҳия шудааст. Силсилаи машқу супоришҳои пешниҳодгашта ба принсипҳои дидактикии «аз сода ба мураккаб» ва «аз намуна ба эҷод» комилан мувофиқат мекунад. Супоришҳои марбут ба таҳрири матн дар ин боб арзиши хосаи амалӣ доранд. Аснои ислоҳи маводде, ки воҳидҳои устувор дучори таҳриф гардида ё ба контекст созгор нестанд, муҳассилин на танҳо ҷавоби омодаро пешниҳод месозанд, балки омили пайдоиши ғалатҳоро шарҳ медиҳанд. Истифодаи шаклҳои муколама, нақшофарӣ, эссе, иншо, нақли асар ва суханронӣ доираи татбиқи воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологиро тавсеа мебахшанд. Дар ин қабил фаъолиятҳо паремияҳо ва фразеологизмҳо метавонанд ҳамчун бурҳони қотеъ, хулосаи андеша ва ё воситаи таъсирбахши афкору эҳсос хизмат намоянд. Баррасии машғулиятҳои беруназсинфӣ, ба монанди маҳфили адабӣ, конференсия, озмун ва хониши мустақилона доираи татбиқи методикаро ғанӣ намудааст, ки ба суханронии озод, ҳамкорӣ ва эҷод шароити бештар фароҳам месозад. Усулҳои фаъоли пешниҳодшуда, ба монанди муаммогузорӣ, гурӯҳбандӣ, Диаграммаи ВЕНН ва кори лоиҳавӣ ба талаботи дарси муосир мувофиқ буда, мустақилияти хонандаро тақвият медиҳад.

Боби панҷум – «**Озмоиши муқарраркунанда ва таълимӣ дар раванди омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ**» ба озмоиши муқарраркунанда ва таълимӣ бахшида шудааст. Дар таҳқиқи мавзуъ 182 хонанда, 36 омӯзгор ва 23 падару модар иштирок кардаанд. Фарогирии чанд гурӯҳи иштирокчиён имкон додааст, ки масъала ҳам аз мавқеи натиҷаи омӯзиш ва ҳам аз мавқеи муҳити таълим баррасӣ шавад. Дар марҳилаи аввал шарҳи маъно, пурра кардани зарбулмасал, ёфтани муродифот, истифода дар гуфтор, муколама, шарҳи осори адабӣ ва таҳияи иншо ё эссе санҷида шудааст. Озмоиш нишон додааст, ки қисми назарраси хонандагон маънои маҷозӣ ва рамзии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологиро нодуруст мефаҳманд ва ин сатҳ дар баъзе мавридҳо ба 30-35 фоиз мерасад, ки зарурати методикаи махсусро тасдиқ мекунад. Озмоиши таълимӣ бошад, гузариши низомнок аз шарҳи маъно ба истифодаи шифоҳиву хаттиро санҷида, барои арзёбии таъсири амсилаи

пешниҳодшуда замина фароҳам овардааст. Тафовути назаррас дар эҷоди мусоҳиба, иншо ва шарҳи маъно нишон медиҳад, ки методикаи таълим на танҳо ба ҳифзи дониш, балки ба истифодаи фаъол таъсир расонидааст. Пешниҳодҳои назариявӣ бо маълумоти таҷрибавӣ пайваст шудаанд. Дар анҷоми диссертатсия зимни хулосабарорї муњаќќиќ ҷамъбасти натиҷагириҳои таҳќиќро ба таври мушаххас ва нуктасанҷона дар бандҳои ҷудогона бо пешниҳоди илмиву назарии ҷолиб ва арзишманд дар бандҳои алоҳида пешкаш менамояд. Њамзамон дар фароварди хулосаҳои илмии худ муњаќќиќ оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳќиќоти анҷомпазируфта тавсияҳои худро ироа намудааст.

Кори диссертатсионии Солеҳзода Шоира Солеҳ дорои арзиши назарраси илмї буда, дар баробари дастовардҳо баъзе **нуктаҳои ќобили интиќодро** низ дорад, ки мехостем ба баъзе аз онҳо таъкид намоем:

1. Намунаи пурраи як мусаввадаи дарси таҷрибавӣ дар автореферат оварда мешуд, арзиши амалии кор бештар аён мегардид.
2. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (с. 17, 35, 66) роҳ ёфтаанд.

Сарфи назар аз камбудиҳои зикршуда, диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ таҳќиќоти мукаммал, ҳадафманд ва пуразишест, ки ба ҳалли масъалаи муҳим бахшида шудааст. Муаллиф доираи васеи маводди забонї-фарҳангиро ҷамъоварї ва тасниф намуда, тасдиќи амалии эътимоднокии натиҷаҳоро тавассути чопи маќолаҳо таъмин кардааст. Нуктаҳои зикршуда ба арзиши умумии кор таъсири манфї намерасонанд, зеро онҳо бештар хусусияти техникї ва таҳрирї дошта, ислоҳпазиранд. Маќолаҳои интишорёфтаи муњаќќиќ муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Авторефератї диссертатсия (бо гунаҳои тоҷикї ва русии он) мазмуну мундариҷаи асосии кори таҳќиќотии Солеҳзода Шоираро фарогир аст. Диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи **«Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон»** ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи

ихтисоси **5.3. Педагогика (5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ)** мебошад.

Муқарриз:

Доктори илмҳои психологӣ, профессор,

мудири кафедраи Педагогика ва психологияи

Донишгоҳи инноватсияи иҷтимоии Тошкент **Қодиров К.Б.**

"03" 11 соли 2026

Суроға: 100057, Ҷумҳурии Узбекистон, кӯчаи Узумзор, 37, ноҳияи Сергели шаҳри Тошкент.

Тел: +(998)94-693-38-04

E-mail: kkamol@rambler.ru

"Имзои К.Б. Қодировро тасдиқ менамоям":

Нозири кадри Донишгоҳи

инноватсияи иҷтимоии Тошкент **Шоҳасанова М.А.**

Суроға: 100057, Ҷумҳурии Узбекистон, кӯчаи Узумзор, 37, ноҳияи Сергели шаҳри Тошкент.

Сомонаи муассиса: https://tiiu.uz/

Тел: (+998)78-113-17-17

E-mail: info@tiiu.uz

«03» 11 2026